МДТ «ДДТТ БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО»
КАФЕДРАИ БЕМОРИҲОИ ҶАРРОҲИИ № 2

САВОЛҲО АЗ БЕМОРИҲОИ ҶАРРОҲӢ

ҚИСМИ I .

БЕМОРИҲОИ ҶАРРОҲӢ ВА ОСЕБХОИ РАГҲОИ ХУНГАРД

1. Синдроми Лериш чист? Аломатҳои асосии бемориро номбар кунед.

2. Кадом усулҳои ташхиси синдроми Лериш бештар маълумотнок мебошанд ва кадом намуди ҷарроҳиҳо иҷро карда мешаванд? Дар кадом мавридҳо симпатэктомия ва дар кадом мавридҳо ампутатсияи андомҳо ба ҷой оварда мешавад?

3. Гипертензияи вазореналӣ чист ва чӣ тавр ташхис гузошта мешавад. Кадом намуди ҷарроҳиҳо ичро карда мешаванд?

4. Аломатҳои асосии гипертензияи вазореналиро номбар кунед.

5. Синдроми Такаясро тасния кунед ва нишонаҳои асосии бемориро номбар намоед.

6. Дараҷаҳои вайроншавии гардиши хунро дар мағзи сар ҳангоми бемории Такаясу номбар намоед. Кадом методҳои ташхис бештар ахбор медиҳанд?

7. Кадом намудҳои ҷарроҳӣ хангоми синдроми Такаясу иҷро карда мешаванд? Оризаҳои асосиро, ки то ҷарроҳӣ ва пас аз ҷарроҳӣ рух медиҳанд, номбар намоед.

8. Нишонаҳои асосии ишемияи музмини абдоминалиро номбар намоед. Кадом аз методҳои ташхисӣ бештар маълумот медиҳанд ва чӣ гуна ҷарроҳиҳо иҷро карда мешаванд?

9. Бемории Паркс-Вебер-Рубашов чист? Кадом нишонаҳо барои ин бемориӣ хос мебошанд ва кадом методи ташхисӣ бештар маълумот медиҳад?

10. Синдроми Педжетт-Шретер чист ва аломатҳои бемориро номбар намоед.

11. Бемории Бюргер чист ва нишонаҳои бемориро номбар намоед.

12.Мавзеъҳои аҳамияти гемодинамикӣ доштаи андомҳоро ҳангоми ҷароҳатнокшавии рагҳои хунгузар номбар намоед. Кадом авориз ҳангоми бастани раги хунгузар дар ин мавзеъҳо ба амал меояд?

13. Нишонаҳои ҷароҳатнокшавии рагҳои хунгузарро ҳангоми осебҳо номбар намоед.

14. Дарачаҳои ишемияи андомҳоро ҳангоми тромбози шадид ва эмболия номбар намоед.

15. Сабабҳои асосии тромбоз ва эмболияи рагҳои хунгузарро номбар намоед.

16. Нишонаҳои асосии контрактураи тоталии мушакиро ҳангоми тромбоз ва эмболияи рагҳои хунгузар номбар намоед.

17. Ба тромбози варидии илеофеморалӣ кадом нишонаҳо хос мебошанд? Сабабҳои асосии пайдоиши ин бемориро номбар намоед. Кадом аз оризаҳо ҳангоми ин бемориӣ пайдо мегарданд?

18. Яке аз оризҳои вазнинтаринро ҳангоми тромбози варидии илеофеморалӣ номбар намоед. Зуҳуроти ин ориза чӣ гуна аст ва кадом чорабиниҳои таъҷилӣ зарур мебошанд?

19. Нишонаҳои асосии бемории посттромботикиро номбар намоед. Чӣ гуна ин бемориӣ ташхис карда мешавад?

20. Марҳилаҳои синдроми посттромбофлебитикиро номбар намеод. Ҳангоми кадом марҳила амалиёти ҷарроҳӣ пешниҳод карда мешавад?

21. Сабабҳои пайдоиши норасоии музмини варидиро номбар кунед. Кадом методҳои ташхисӣ ҳангоми ин бемориӣ бештар маълумот медиҳанд?

22. Флегмазияи кабуд чист? Сабабҳои асосии пайдоиш ва авориզи онро номбар намоед.

23. Сабабҳои пайдоиши бемории варикозиро номбар намоед. Кадом санҷишҳои функсионалӣ истифода бурда мешаванд?

24. Нишонаҳои типикии синдроми посттромбофлебитикиро номбар кунед.

25. Симптомҳои асосии иллати окклюзияқнандаи шоҳраг ва шохаҳои онро номбар кунед.

26. Мавҳум дар бораи эндартериит, симптомҳои асосии онро номбар намоед, кадом аз методҳои ташхисӣ ба ин бемориӣ серахбор мебошад?

27. Кадом намудҳои ҷарроҳӣ ҳангоми иллати окклюзикунандаи рагҳои хунгард, ки мағзи сарро бо хун таъмин менамоянд, вуҷуд доранд?

28. Ҳангоми иллати окклюзиякунандаи аорта кадом ҷарроҳиҳо истифода бурда мешаванд?

29. Бемории Рейно чист ва кадом нишонаҳо ба ин бемори̅ хос мебошанд?

30. Кадом тарзи ташхис ҳангоми тангшавии шараёни гурда серахбор мебошад ва кадом намудҳои амалиётҳои ҷарроҳиро истифода мебаранд?

31. Ҳангоми тромбангити окклюзиякунанда кадои намуди ҷарроҳи̅ истифода бурда мешавад?

32. Кадом рагҳои хунгард бештар ҳангоми тромбангити облитератсиякунанда бештар зарар меёбанд ва кадом амалиётҳои ҷарроҳи̅ бештар ҳангоми ин бемори̅ истифода бурда мешаванд?

33. Мақсад аз тайин намудани гепарин ҳангоми тромбозҳо чист? Дозагирии маводро нишон диҳед ва дарҷ намоед, ки ҳангоми аз меъёр зиёд тайин намудани гепарин кадом авориз пайдо мешавад?

34. Дар асоси кадом нишонаҳо ишемияи андомҳо дараҷаи III B гузошта мешавад ва кадом тарзи муолиҷа ҳангоми ин дараҷа истифода бурда мешавад?

35. Симптомҳои ба ишемияи дараҷаи II Б хосро номбар намоед ва дарҷ намоед, ки ҳангоми ин дараҷаи ишемия кадом намуди ҷарроҳи̅ истифода бурда мешавад?

36. Ба ишемияи шиддат кадом нишонаҳо хос мебошанд ва кадом намуди маводҳои доруги̅ истифода бурда мешаванд?

37. Ангиография чист? Тарзи иҷрои он ва кадом намудҳои контрастҳо истифода бурда мешаванд? Кадом ахборро оид ба иллатнокшавии рагҳои хунгард ин тарзи ташхис медиҳад?

38. Сабаби асосии импотентсияро ҳангоми синдроми Лериш номбар намоед, кадом тарзҳои ташхис ва ҷарроҳи̅ ҳангоми импотенсияи васкулогени̅ истифода бурда мешаванд?

39. Кадом авориз ҳангоми ишемияи абдоминали̅ пайдо мегардад, сабаби у чист? Кадом методи табобат ҳангоми ин бемори̅ натиҷабахш мебошад?

40. Норасоии раги̅ - майнагии музмин чист ва сабаби пайдоиши онро номбар намоед?

41. Симптомҳои асосии тромбофлебити шадиди рагҳои варидии чуқурро номбар кунед. Кадом оризаҳо ҳангоми ин патология бештар хатарнок мебошанд?

42. Намудҳои амалиёти ҷарроҳиро ҳангоми ба таври варикозӣ васеъшавии рагҳои варидии зерипӯстии андоми поён номбар кунед.

43. Шунткунӣ ва протезкунӣ ҳангоми синдроми Лериш.

44. Оризаҳои бемории варикозиро номбар кунед ва дарҷ намоед, ки кадом тактика ҳангоми хунравӣ аз варидҳои васеъшуда истифода бурда мешавад?

45. Сабабҳои асосии вайроншавии хунгардиши мезентериалиро нишон диҳед.

46. Перитонит, ки дар заминаи вайроншавии шадиди хунгардиши мезентериалӣ пайдо гардидааст, чӣ тавр ташхис карда мешавад? Кадом тактика ҳангоми ин авориз истифода бурда мешавад?

47. Кадом тарзҳои ташхис ҳангоми вайроншавии шадиди хунгардиши мезентериалӣ серахбор мебошанд?

48. Тактикаи Шумо ҳангоми некрози рӯда ҳангоми ногузарогии шадиди мезентериалӣ чӣ гуна мебошад?

49. Нишонаҳои асосии вайроншавии шадиди хунгардиши андоми болоро ҳангоми окклюзияи танаи брахиосефалӣ нишон диҳед.

50. Патогенези стил синдромро дарҷ намоед.

## ҚИСМИ II .

## БЕМОРИҲОИ ҶАРРОҲИИ ДИЛ.

1. Тетрадаи Фалло чист? Нишонаҳои асосии бемориро нишон диҳед.
2. Триадаи Фалло чист? Нишонаҳои хоси ин нуқсонро нишон диҳед.
3. Кадом тарзҳои ташхис ҳангоми триада ва тетрадаи Фалло серахбор мебошанд?
4. Кадом намудҳои ҷарроҳӣ ҳангоми тетрадаи Фалло истифода бурда мешаванд?
5. Ҳамаи нуқсонҳои модарзодии дилро номбар созед ва ба кадом гуруҳҳо онҳо тақсим карда мешаванд?
6. Коронарография ва ахборнокии он. Оризаҳои ин амалиётро номбар намоед.
7. Шунткунии аорто-коронарӣ ҳангоми кадом патология истифода бурда мешавад?
8. Протезкунии дарғотҳои дил ва дар кадом мавридҳо ин ҷарроҳӣ истифода бурда мешавад?

9. Зуҳуроти блокадаи атриовентрикулариро номбар кунед ва дарҷ намоед, ки интихоби кадом тактика зарур аст.
10. Кадом симптомҳо ба тампонадаи дил хос мебошанд ва тактика Шумо чӣ тавр мебошад?
11. Кадом нишонаҳо ба ҷароҳатнокшавии дил хос мебошанд ва тактикаи Шумо чӣ гуна мебошад?
12. Перикардити констриктивӣ чист, кадом нишонаҳо ба ӯ хос мебошанд ва тактикаи Шумо чӣ тавр аст?
13. Перикардити часпанда чист, кадом намуди ҷарроҳӣ истифода бурда мешавад?
14. Перикардэктомияи субтоталӣ чист ва нишондод ба иҷрои ин тарзи ҷарроҳӣ кадом аст?
15. Хунгардиши сунъӣ чист ва дар кадом мавридҳо истифода бурда мешавад?
16. Гипотония, дамидани варидҳои гардан, сустшавии садоҳои дил, васеъшавии сарҳадҳои дил, баландшавии ФМВ аз чӣ гувоҳӣ медиҳанд?
17. Бо мақсади реваскуляризтсияи дил кадом ҷарроҳӣ истифода бурда мешавад? Барои иҷрои ин ҷарроҳӣ кадом нишондод ҷой дорад?
18. Дар кадом мавридҳо комиссуротомияи пушидаи инструменталӣ бо тавассути байнимеъдачавӣ истифода карда мешавад?
19. Дефекти девораи байни меъдачаҳои дил чи тавр муайян карда мешавад ва кадом амалиёти ҷарроҳӣ ҳангоми он иҷро карда мешавад?
20. Кадом нуқсонҳо ба нуқсонҳои намуди кабуд (“синего» типа”) дохил мегарданд?
21. Кадом нуқсонҳо ба нуқсонҳои намуди беранг ё и ки сафед («бледного» типа) дохил мегарданд?
22. Нуқсони намуди сафед дар кадом асос гузошта мешавад («бледного» типа)?
23. Тарзҳои серахбори ташхисиро ҳангоми дефектҳои девораҳои байнидаҳлезӣ ва байнимеъдачавӣ номбар намоед.
24. Намудҳои ҷарроҳии муосирро бо мақсади бартараф намудани дефектҳои байнимеъдачавӣ ва байнидаҳлезии дил номбар созед.
25. Дефекти девораи байндаҳлезӣ ба кадом намуди нуқсонҳо ворид мегардад ва кадом намуди амалиёти ҷарроҳӣ ҳангоми ин нуқсон истифода бурда мешавад?

26. Атрезияи клапани седаричадор ба кадом гурухи нуқсонҳо дохил мегардад ва чӣ тавр ташхис карда мешавад?

27. Ҳангоми нуқсонҳои дил кадом синфҳои функсионалӣ вуҷуд доранд?

28. Васл нашудани маҷрои Боталлов чист ва бо мақсади бартараф намудани ин маҷро кадом намуди ҷарроҳӣ истифода бурда мешавад?

29. Ҳангоми тетрадаи Фалло кадом намуди амалиёти паллиативӣ истифода бурда мешавад?

30. Таснифи вайроншавии гардиши хунро, ки бештар ҳангоми нуқсонҳои дил истифода бурда мешавад номбар намоед.

31. Амалиёти ангиокардиография чӣ маълумот медиҳад?

32. Ҳангоми нуқсони митралӣ кадом ҷарроҳӣ истифода мешавад ва нишондодро барои иҷрои ин ҷарроҳӣ номбар намоед?

33. Валвулопластикаи эндоваскуларӣ дар кадом мавридҳо истифода мешавад?

34. Оризаҳое, ки ҳангоми иҷрои комиссуротомияи инструменталӣ бо тавассути байнимеъдачаи дил иҷро мегардад, номбар намоед?

35. Синдроми нафастангию-сианотикӣ чист?

36. Тарзҳои ташхиси ғайриинвазивиро ҳангоми нуқсонҳои дил номбар намоед.

37. Кадомин бемориҳои дил сабаби бештари пайдоиши эмболияи рагҳои хунгард мебошанд?

38. Зондкунии ковокиҳои дил чист? Бо кадом мақсад ин протседура ба ҷой оварда мешавад?

39. Нишонаҳои асосии ба тетрадаи Фалло хосбударо номбар намоед.

40. Кадом методҳои ташхис ҳангоми тетрадаи Фалло бештар ахбор медиҳанд?

41. Кадом методҳои ҷарроҳии радикалӣ ҳангоми тетрадаи Фалло истифода бурда мешаванд?

42. Блокадаи атривентрикулярӣ чист? Кадом методҳои муолиҷа бештар натиҷабашх мебошанд? Кадом намудҳои электростимулятсияи дилро медонед?

43. Сабабҳои асосии пайдоиши перикардитҳоро дарҷ намоед? Нишонаҳои асосии перикардитҳоро нишон диҳед?

44. Кадом намудҳои шунткунии дил вуҷуд доранд?  Кадоме аз онҳо “стандарти тиллоӣ” шуморида мешавад?

45. Бемории ишемикии дил. Кадом намудҳои табобати ҳозиразамон истифода бурда мешаванд?  Стентгузорӣ чист?

46. Кадом намуди реваскуляразатсияи дил “стандарти тиллоӣ” ҳисобида мешавад ва ҳангоми кадом патологияҳо истифода бурда мешавад?

47. Кадом намудҳои ҷарроҳии паллиативӣ ва радикалӣ ҳангоми тетрадаи Фалло истифода бурда мешаванд?

48. Ба маҷрои кушодаи артериалӣ кадом нишонаҳо хос мебошанд?

49. Чӣ тавр маҷрои артериалии кушода ташхис карда мешавад ва кадом намудҳои ҷарроҳӣ ҳангогми ин нуқсон истифода бурда мешаванд?

50. Ба стенози митралӣ кадом нишонаҳо хос мебошанд?

ҚИСМИ III.

ОСЕБҲОИ ҚАФАСИ СИНА ВА БЕМОРИҲОИ УЗВҲОИ ҚАФАСИ СИНА ВА МИЁНАДЕВОР

1. Таснифи осебҳои қафаси сина.
2. Намудҳои гемотораксро номбар кунед.
3. Намудҳои дренажкунии фаъолро ҳангоми пневмоторакс номбар намоед.
4. Намудҳои пневмотораксро номбар кунед.
5. Намудҳои пневмоторакс чӣ тавр ташхис карда мешаванд ва тактикаи Шумо чӣ гуна мебошад?
6. Мавҳум оид ба пневмотораксi клапанӣ ва тактикаи Шумо ҳангоми ин намуди пневмоторакс чӣ тарз мебошад?
7. Дар кадом мавридҳо сухан оид ба гемотораксi калон меравад ва сабабҳои он чист?
8. Нишондодҳоро ба амалиёти ҷарроҳӣ ҳангоми гемоторакс нишон диҳед.
9. Нишондодҳоро ба блокадаи вагосимпатикӣ ҳангоми осебҳои қафаси сина номбар намоед.

10.Пневмотракси спонтанӣ дар кадом мавридҳо пайдо мегардад ва чӣ тавр ташхис карда мешавад?
11.Зуҳуроти асосии пневмотораксi клапаниро номбар намоед ва ёрии таъҷилӣ ҳангоми ин намуди пневмоторакс чиро дарбар мегирад?
12.Сабабҳои асосии пайдоиши пиопневмотораксро номбар намоед.
13. Пиопневмоторакс ва сабабҳои бештари пайдоиши ин авориزро дарҷ намоед.
14.Нишонаҳои асосии пневмотораксi шиддатнокро номбар намоед.
15.Кадом санҷиш бештар аз давом ёфтани хунрезӣ дар ковокии плевра гувоҳӣ медиҳад?
16.Дар кадом ҳолатҳо ҳангоми осебҳои қафаси сина нафаскашии парадоксалӣ пайдо мегардад?
17.Нуқтаи типикии дренажкунии ковокии плевраро ҳангоми пневмоторакс нишон диҳед. Кадом тарзи ташхис ҳангоми пневмоторакс бештар ахбор медиҳад?
18.Нуқтаи типикии дренажкунии коковии плевраро ҳангоми гемоторакс нишон диҳед. Кадом тарзи ташхис ҳангоми пнвмоторакс бештар ахбор медиҳад?
19.Эмфиземаи зиёдшавандаи миёнадевор аз чӣ гувоҳӣ медиҳад ва кадом намуди ҷарроҳӣ ҳангоми ин авориз истифода бурда мешавад?
20.Ҷамъшавии хун дар ковокии плевра дар кадом мавридҳо дида мешавад ва ҷамъшавии бештар аз 1 литр хун дар ковокии плевра ба кадом намуди гемоторакс дахл дорад?
21.Гемотораксi лахташуда чист ва тактикаи Шумо ҳангоми он?
22.Намудҳои асосии патогенетикии пайдоиши бемориҳои фасодӣ-деструктивии шушро номбар намоед.
23. Абсцесси аспиратсионии шуш чист? Сабабҳои ин намуди абсцессро номбар намоед.
24.Кадом методҳои ташхис ҳангоми деструксияи фасодии шушҳо бештар ахбор медиҳанд?
25. Абсцесси музмини шушҳо чист ва кадом нишонаҳо ба он хос мебошанд?
26.Абсцесси блокшудаи шуш чист ва тактикаи Шумо ҳангоми он?
27.Эмпиемаи плевра чист ва кадом намудҳои он вуҷуд доранд?

28. Пиопневмоторакс чист? Сабабҳои пайдоиши онро номбар намоед.
29. Кадом намуди табобат ҳангоми пиопневмоторакс таъин карда мешавад?
30. Факторҳои тамоилкунандаи пайдоиши деструксияи фасодии шушро номбар намоед.
31. Нишондодҳоро ба амалиёти ҷарроҳӣ ҳангоми абссеси шадиди шуш номбар намоед.
32. Дренажи постуралӣ чист? Санатсияи дарахти трахеобронхиалӣчӣ тавр ба ҷой оварда мешвад?
33. Муҳлати пайдошавии абссесси музминро нишон диҳед. Нишонаҳои асосии абссесси хроникиро номбар намоед.
34. Кадом тактика ҳангоми эмпиемаи плевра интихоб карда мешавад?
35. Кадом маводҳо ҳангоми табобати абссесси шадиди шуш ва гангренаи шуш истифода бурда мешаванд?
36. Оризаҳои абссесси шадид ва гангренаи шушро номбар намоед.
37. Кадом авориз ҳангоми абссеси шадид шуш бештар хатарнок ҳисобида мешавад? Тактикаи Шумо чӣ тавр мебошад?
38. Кадом намудҳои абссесси шадидро медонед? Дар кадом муҳлат абссесси аспиратсионӣ пайдо мегардад?
39. Иммунитети пассив ва фаъол ҳангоми деструксияи фасодии шуш чӣ тавр баланд карда мешавад?
40. Гангренаи шуш. Кадом намудҳои ҷарроҳӣ ҳангоми гангренаи шуш ба ҷой оварда мешаванд?
41. Нишонаҳои классикии деструксияи фасодии шадиди шушро номбар намоед.
42. Нишондодҳои асосиро ба торакотомия ҳангоми деструксияи фасодии шуш нишон диҳед.
43. Кадом намудҳои бемориҳои шадиди фасодӣ-деструксиявии шушро медонед? Тарзҳои информативии ташхисии абссесси шушро номбар намоед.
44. Таснифи эмпиемаи плевра. Сабабҳои пайдоиши эмпиемаи плевраро номбар намоед.

45. Кадом намуди ҷарроҳӣ бештар ҳангоми гангренаи шуш ба ҷой оварда мешавад? Нишондодҳоро барои ин амалиёт номбар намоед.
46. Кадомин тактика ҳангоми хунравии профузӣ аз шуш дар аснои гангренаи шуш дуруст мебошад? Сабаби пайдошавии хунравиро нишон диҳед.
47. Кадои нишонаҳо ба абссесси шадид шуш хос мебошанд? Абссесси хроникии шуш чист? Тактикаи Шумо ҳангоми абссесси хроникии шуш чӣ тавр мебошад?
48. Таҳлили балғам ҳангоми бемориҳои фасодноки шуш чӣ ахбор медиҳад?
49. Пиопневмоторакс чӣ тарз ташхис мегардад ва кадом методи ташхисӣ серахбор мебошад?
50. Эмпиемаи аввалиндараҷа чист ва чӣ тавр ташхис карда мешавад?

## ҚИСМИ IV
## БЕМОРИҲОИ ҶАРРОҲИИ УЗВҲОИ КОВОКИИ ШИКАМ

1. Сабабҳои пайдоиши рефлюкс-эзофагит ва нишонаҳои ба ин беморӣ хосро номбар намоед.
2. Чурраҳои параэзофагеалӣ. Кадом тарзҳои ташхис бештар ахбор медиҳанд? Контрасткунии сурхруда чӣ маъно дорад?
3. Нишонаҳои ба осебнокшавии қисми гардании сурхруда хосро номбар намоед ва кадомин тактика ҳангоми ин осеб дуруст аст дарҷ намоед?
4. Дар кадом муҳлат захми сӯрхруда дӯхта мешавад, кадом намуди дарзҳо ҳангоми даридани сӯрхруда истифода бурда мешаванд? Кадом авориз ҳангоми перфоратсияи сӯрхруда хатарнок мебошад?
5. Кадом чорабиниҳо ҳангоми сухтагиҳои сурхруда таъин карда мешаванд?
6. Кадом тағъиротҳои патологоанатомӣ ҳангоми сухтагиҳо дар devораҳои сурхруда пайдо миешаванд?
7. Кадом оризаҳо ҳангоми сухтагиҳои кимиёвии сурхруда пайдо мешаванд?
8. Кадом методҳои ташхиси ҳангоми бемориҳои сурхруда маълумотнок мебошанд? Тарзи рентгеноконтрастии ташхис ҳангоми тангшавии сурхруда кадом информатсияҳоро медиҳад?

9. Намудҳои бужкунии сурхрударо ҳангоми тангшавии он номбар кунед. Кадом аз методҳои ташхисии иловагӣ ҳангоми тангшавии сурхруда бештар ахбор медиҳанд?
10. Ахалазия кардия чист, кадом нишонаҳо ба ӯ хос мебошанд, кадом методи ташхис бештар маълумот медиҳад?
11. Дар асоси кадом критерияҳо ташхиси кафидани сурхруда гузошта мешавад?
12. Кадом намудҳои амалиёти ҷарроҳӣ ҳангоми тангшавии кафшерии сурхруда истифода бурда мешаванд? Реваскуляризатсияи микроҷарроҳии трансплантати рудагӣ ҳангоми коррексияи тангшавии сурхруда чӣ маъно дорад?
13. Ҳангоми кадом патология круроррафияи пешуқафо иҷро карда мешавад ва мақсад аз истифодаи он чист?
14. Халазияи кардия чист, кадом нишонаҳо ба ин патология хос мебошанд?
15. Дар асоси кадом нишонаҳо ташхиси дивертикулаи қисми гардании сурхруда гузошта мешавад? Кадом ҷарроҳӣ ҳангоми ин патология бештар натиҷабахш мебошад?
16. Чурраи сурохии сурхрудагии диафрагмаро маънидод намоед, кадом симптомҳо ба ин патология хос мебошанд?
17. Тарзҳои ташхисие, ки ба ташхиси бемории рефлюксӣ сурхрӯда бештар маълумот медиҳанд, номбар намоед? Тарзи рентгеноконтрастии ташхис дар кадом ҳолати бемор иҷро карда мешавад?
18. Оризаҳои дивертикулаи сурхрударо номбар намоед. Кадом нишонаҳо ҳангоми кафидани сурхрӯда хос мебошанд. Тактикаи Шумо чӣ амалиётҳоро дар бар мегирад?
19. Кадом методҳои ташхис ҳангоми ҷисмҳои бегонаи сурхруда бештар маълумотнок мебошанд?
20. Тавсияҳои худро оид ба рефлюкс-эзофагит ҳангоми чурраҳои сурохии диафрагма барои сурхруда диҳед.
21. Кадои ёрии таъҷилӣ ҳангоми сухтагиҳои сурхруда расонида мешавад?
22. Кадом чорабиниҳо ҳангоми сухтагиҳои химиявии сурхруда таъин карда мешаванд?

23. Бужкунии ретроградӣ чист? Нишондодҳо ба ин намуди бужкунӣ ва аво093ризҳои он.
24. Тармими сурхруда аз ҳисоби рудаи борик дар кадом ҳолат истифода бурда мешавад? Нишондодҳо ба ин амалиёти ҷарроҳӣ.
25. Авоwризҳои хатарнокро ҳангоми сухтагиҳои сурхруда номбар намоед.
26. Тактикаи Шумо ҳангоми тангшавии давомёфтаи сурхруда чӣ гуна мебошад? Кадом намуди ҷарроҳӣ дар чунин ҳолатҳо ба ҷой оварда мешавад?
27. “Бужкунии беохир” чист ва дар кадом ҳолатҳо ин намуди бужкунӣ иҷро карда мешавад?
28. Дараҷаҳои ахалазияи сурхрударо номбар намоед. Дар кадом дараҷа деформатсияи S-монанди сурхруда мушоҳида карда мешавад?
29. Нишонаҳои хоси осебнокшавии испурчро нишон диҳед.
30. Дар кадом ҳолатҳо спленэктомия ба ҷой оварда мешавад?
31. Ба бемории Верлгоф кадом нишонаҳо хос мебошанд?
32. Кадом методҳои ташхиси ҳангоми бемориҳо ва осебҳои испурч серахбор мебошанд?
33. Кадом намудҳои ҷарроҳӣ ҳангоми бемориҳо ва осебҳои испурч истифода бурда мешаванд?
34. Кафидани якмарҳилагӣ ва думарҳилагии испурч.
35. Осебнокшавии ҷигар ва нишонаҳои хоси он?
36. Кафидани якмарҳилагӣ ва думарҳилагии ҷигар?
37. Кадом тарзҳои ташхис ҳангоми осебҳо ва бемориҳои ҷарроҳии ҷигар бештар маълумотнок мебошанд?
38. Таснифи омосҳои хушсифати ҷигар.
39. Таснифи омосҳои бадсифати ҷигар.
40. Гемангиомаи ҷигар чист? Кадом методҳои ташхис ҳангоми ин беморӣ ахбори зиёд медиҳад?
41. Холангиома чист ва чӣ тавр ташхис карда мешавад?
42. Намудҳои гуногуни кистаҳои ҷигарро номбар намоед.
43. Кистаи эхинококкии ҷигар чист? Кадом нишонаҳо барои он хос мебошанд?

44. Хӯҷаинҳои эхинококкоз ва роҳҳои сироятнокшавии организм.
45. Дар ҷараёни клиникии эхинококкоз кадом марҳилаҳо ҷудо карда мешаванд?
46. Кадом авориҳои кистаи эхинококкии ҷигарро медонед?
47. Кадом тарзҳои ташхис ҳангоми эхинококкоз бештар маълумотнок мебошанд?
48. Кадом намудҳои ҷарроҳӣ ҳангоми эхинококкоз истифода бурда мешаванд?
49. Ҷараёни клиникии кафидани кистаи эхинококкии ҷигар ба ковокии шикам чӣ тавр мебошад?
50. Марсупиализатсия чист? Дар кадом ҳолатҳо ин методика истифода бурда мешавад?

Мудири кафедраи бемориҳои ҷарроҳии № 2

д.и.т. дотсент Маликов М.Х.